*Шартнома* №2

***оид ба ҳамкорӣ байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва***

***Бонки миллии Тоҷикистон***

*ш. Душанбе* *«20» апрели соли 2020*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** дар шахси **Ректор-Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт,** ки дар асоси Оинномаи донишгоҳ амал мекунад (минбаъд **Донишгоҳ**) ва **Бонки миллии Тоҷикистон** дар шахси **Раис-Нурмаҳмадзода Ҷамшед,** ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» амал мекунад (минбаъд **Бонки миллӣ)** аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ (**Минбаъд Тарафҳо**) шартномаи мазкурро оид ба ҳамкории мақсаднок тибқи шартҳои зерин ба имзо расониданд:

**I. Мавзӯи шартнома**

1.1 Мавзӯи шартномаи мазкурро мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни Донишгоҳ ва Бонки миллӣ дар самти ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни донишгоҳ (минбаъд-таҷрибаомӯзӣ) дар Бонки миллӣ ва мустаҳкам намудани муносибатҳои илмию амалии мутақобилаи тарафҳо ташкил медиҳад.

1.2. Мақсади таҷрибаомӯзӣ-мустаҳкам намудани донишҳои назариявии азбаркардаи донишҷӯён дар раванди таҳсил ва ба даст овардани маҳорату малакаҳои касбӣ аз рӯи самт (ихтисос) –и интихобкардаи онҳо мувофиқи стандартҳои таълимӣ ва нақшаи таҷрибаомӯзӣ мебошад.

1.3. Мақсади муносибатҳои илмию амалии мутақобилаи Тарафҳо-такмил додани сатҳи омодагии кормандон, омода намудани мутахассисони баландихтисос, баланд бардоштани савияи касбии кормандон ва татбиқи барномаҳои илмиву таълимӣ мебошад.

1.4. Бонки миллӣ ба Донишгоҳ барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ 15 нафар ҷой ҷудо менамояд. Шумораи ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ ҷудошуда метавонад бо мувофиқаи хаттии Тарафҳо тағйир дода шавад.

1.5. Ҳамкории Тарафҳо, ки тибқи Шартномаи мазкур амалӣ мешавад, ройгон мебошад.

1.6. Ҳангоми ҷалб намудани кормандони Тарафҳо барои иштирок дар конфронсҳо, семинарҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, Тарафи ташкилкунандаи чунин чорабинӣ андоза ва тартиби пардохти подошпулии корманд ва омӯзгори ҷалбшавандаро алоҳида бо ӯ мувофиқа менамоянд.

## *Шартнома* №2

### *оид ба ҳамкорӣ байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва*

### *Бонки миллии Тоҷикистон*

*ш. Душанбе* «20» апрели *соли 2020*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** дар шахси **Ректор-Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт,** ки дар асоси Оинномаи донишгоҳ амал мекунад (минбаъд **Донишгоҳ**) ва **Бонки миллии Тоҷикистон** дар шахси **Раис-Нурмаҳмадзода Ҷамшед,** ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» амал мекунад (минбаъд **Бонки миллӣ)** аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ (**Минбаъд Тарафҳо**) шартномаи мазкурро оид ба ҳамкории мақсаднок тибқи шартҳои зерин ба имзо расониданд:

**I. Мавзӯи шартнома**

1.1 Мавзӯи шартномаи мазкурро мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни Донишгоҳ ва Бонки миллӣ дар самти ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни донишгоҳ (минбаъд-таҷрибаомӯзӣ) дар Бонки миллӣ ва мустаҳкам намудани муносибатҳои илмию амалии мутақобилаи тарафҳо ташкил медиҳад.

1.2. Мақсади таҷрибаомӯзӣ-мустаҳкам намудани донишҳои назариявии азбаркардаи донишҷӯён дар раванди таҳсил ва ба даст овардани маҳорату малакаҳои касбӣ аз рӯи самт (ихтисос) –и интихобкардаи онҳо мувофиқи стандартҳои таълимӣ ва нақшаи таҷрибаомӯзӣ мебошад.

1.3. Мақсади муносибатҳои илмию амалии мутақобилаи Тарафҳо-такмил додани сатҳи омодагии кормандон, омода намудани мутахассисони баландихтисос, баланд бардоштани савияи касбии кормандон ва татбиқи барномаҳои илмиву таълимӣ мебошад.

1.4. Бонки миллӣ ба Донишгоҳ барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ 15 нафар ҷой ҷудо менамояд. Шумораи ҷойҳои таҷрибаомӯзӣ ҷудошуда метавонад бо мувофиқаи хаттии Тарафҳо тағйир дода шавад.

1.5. Ҳамкории Тарафҳо, ки тибқи Шартномаи мазкур амалӣ мешавад, ройгон мебошад.

1.6. Ҳангоми ҷалб намудани кормандони Тарафҳо барои иштирок дар конфронсҳо, семинарҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, Тарафи ташкилкунандаи чунин чорабинӣ андоза ва тартиби пардохти подошпулии корманд ва омӯзгори ҷалбшавандаро алоҳида бо ӯ мувофиқа менамоянд.

## II. Самтҳои ҳамкорӣ

2.1. Мувофиқи шартномаи мазкур Донишгоҳ ва Бонки миллӣ дар самтҳои зерин ҳамкорӣ менамояд:

-ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, ва пешаздипломии донишҷӯёни факултетҳои молиявию иқтисодӣ ва баҳисобгирию иқтисодии Донишгоҳ дар Бонки миллӣ;

-ба конфронсу семинарҳои илмию амалӣ ва таълимию методӣ оид ба мушкилотҳои мубрами ҷомеа, ҷалб намудани кормандони Бонки миллӣ ва Донишгоҳ;

-баррасии пешниҳодҳои Бонки миллӣ оид ба такмили ҷараёни таълиму тарбияи мутахассисон ва баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии донишҷӯёни Донишгоҳ;

-ҳамкорӣ ва муҳайё намудани шароитҳои зарурӣ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дар Донишгоҳ, инчунин аз ҷониби кормандони Бонки миллӣ оид ба масъалаҳое, ки манфиати мутақобила доранд;

-интишори корҳои илмии кормандони Бонки миллӣ ва муштарак (нашри маҷмӯи мақолаҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимию методӣ барои донишҷӯён ва кормандон);

-бо даъвати Бонки миллӣ иштирок ва баромад намудани устодони Донишгоҳ бо маърӯзаҳо дар семинарҳо, конфронсҳо, машғулиятҳо ва дигар чорабиниҳои Бонки миллӣ;

-мусоидат дар васеъ намудани махзанҳои илмию амалии Тарафҳо бо адабиёт ва маводи илмӣ;

2.2 Тарафҳо метавонанд ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои шартномаи мазкур дар самтҳои дигар низ созиш намоянд.

## III. Ухдадориҳои Тарафҳо

**3.1. Ухдадориҳои Донишгоҳ:**

-аз ҷониби кафедраҳои гуногуни Донишгоҳ гузаронидани чорабиниҳо, таҳқиқоти илмӣ;

-дар асоси нақшаи кории Бонки миллӣ таъмини иштироки устодони Донишгоҳ барои баромад бо маърӯзаҳо, гузаронидани конфронсҳои илмию амалӣ, семинарҳо ва дигар машғулиятҳо бо кормандон;

-ҳамасола додани роҳхат ба донишҷӯёни факултети молиявию иқтисодӣ, баҳисобгирию иқтисодии Донишгоҳ барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ тибқи тартиби муқарраршуда;

-сафарбар намудани донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои дахлдор ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ мувофиқи муҳлати дар нақшаҳои таълимӣ муқарраршуда;

-то оғози таҷрибаомӯзӣ фиристодани шахси мутасаддӣ барои омода намудани шароити зарурии таҷрибагузаронӣ, таъмини роҳбарии методии таҷрибаомӯзии донишҷӯён ва бо Бонки миллӣ мувофиқа намудани мувофиқа намудани барномаи таҷрибаомӯзӣ ва нақшаҳои инфиродӣ;

-ба донишҷӯён додани дастури дахлдор оид ба ҷараёни таҷрибаомӯзӣ роия намудани қоидаҳои муҳофизати меҳнатӣ, техникаи бехатарӣ, тозагии санитарӣ, қоидаҳои зиддисухторӣ, қоидаҳои истифодабарии таҷҳизотҳои техникӣ ва барқӣ, қоидаҳои гардиши ҳуҷҷатҳо ва реҷаи амалкунандаи махфият дар Бонки миллӣ;

-мусоидат дар зиёд намудани махзанҳои илмию амалии Бонки миллӣ бо адабиёт ва маводи илмӣ;

-амалӣ намудани дигар чорабиниҳои муштараке, ки барои таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд заруранд ва аз моҳияти шартномаи мазкур бармеоянд.

**3.2. Уҳдадориҳои Бонки миллӣ:**

-мусоидат бо устодон ва кормандони Донишгоҳ барои шиносоӣ ва истифодаи маводи зарурии фаъолияти анҷомдодаи кормандони Бонки миллӣ то он ҳадде, ки қонунгузорӣ иҷозат медиҳад;

-ҳамасола қабули донишҷӯён барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ аз рӯи ихтисосҳои зарурӣ мувофиқи нақшаи таълимӣ;

-ташкил ва таъмини гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар асоси нақшаҳои таълимӣ;

-таъмини шароити зарурӣ барои амалишавии барномаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

-барои роҳбарӣ дар рафти таҷрибаомӯзии донишҷӯён таъмин намудани кормандони баландихтисос;

-баробари ба итмом расидани таҷрибаомӯзӣ ба ҳар як донишҷӯ додани тавсифнома ва тасдиқи ҳисоботи онҳо;

-дар асоси дархости Донишгоҳ мусоидат ҷиҳати иштироки кормандони Бонки миллӣ дар ҷараёни таълим, баромад бо маърӯзаҳо, гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ ва амалӣ, иштирок дар маҳфилҳои илмӣ ва маҳфилҳои донишҷӯён;

-аз рӯи имконият навиштани тақризҳо ба корҳои хатми донишҷӯён;

- дар доираи имконият сафарбар намудани кормандони Бонки миллӣ барои беҳтар намудани фаъолияти илмию таълимӣ ва методии Донишгоҳ;

-мусоидат дар зиёд намудани маҳзанҳои илмию амалии Донишгоҳ бо адабиёт ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии нашрнамудаи Бонки миллӣ;

-амалӣ намудани дигар чорабиниҳои муштараке, ки барои таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд заруранд ва аз моҳияти шартномаи мазкур бармеоянд.

## IV. Қоидаҳои асосии гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар Бонки миллӣ

4.1 Донишгоҳ ҳангоми сафарбар намудани донишҷӯ ба таҷрибаомӯзӣ вазифадор аст, ки риоя намудани талаботи муқаррароти зеринро фаҳмонад;

-Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-қоидаҳои муҳофизати меҳнатӣ, зиддисӯхторӣ, истифодабарии таҷҳизотҳои техникӣ ва барқӣ, тозагии санитарӣ, инчунин қоидаҳои гардиши ҳуҷҷатҳо ва реҷаи махфияти дар Бонки миллӣ амалкунанда;

-муносибати эҳтиёткорона бо амволи Бонки миллӣ ;

4.2. Зараре ки ба амволи Бонки миллӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби донишҷӯ ба Бонки миллӣ расонида мешавад, аз ҷониби Донишгоҳ пурра ҷуброн карда мешавад.

## V. Махфият

5.1. Бонки миллӣ ҳуқуқ дорад аз донишҷӯён риоя намудани реҷаи махфиятӣ дар Бонки миллӣ қабулшударо талаб намояд.

5.2. Ҳангоми муайян шудани ҳолати аз ҷониби донишҷӯ бадқасдона вайрон намудани реҷаи махфият, Бонки миллӣ ҳуқуқ дорад таҷрибаомӯзии чунин донишҷӯро пеш аз муҳлат қатъ намояд.

5.3. Масъулият барои зиёне, ки дар натиҷаи амалҳои донишҷӯ оид ба ошкор намудани маълумоти махфии Бонки миллӣ метавонад ба миён ояд, ба зиммаи Донишгоҳ ва донишҷӯ вогузор карда мешавад.

## IV. Муқаррароти хотимавӣ

6.1. Шартномаи мазкур ба муҳлати 5-сол баста шуда, он аз лаҳзаи ба имзо расидан эътибор пайдо менамояд.

6.2. Яктарафа даст кашидан аз иҷрои бандҳои шартнома ба истисноии ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст ва ё иҷрои ухдадорӣ номумкин мебошад манъ аст.

6.3. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои Тарафҳо тибқи ризоияти мутақобила мумкин аст, ки тағйир дода шавад ё қатъ гардад. Ризоияти тарафҳо бояд дар шакли хаттӣ ба расмият даровarda шавад. Дар ҳолати ба охир расидани муҳлати шартнома ба ҳамин муҳлат шартнома тамдид карда мешавад, агар яке аз тарафҳо қабл аз шаш моҳи ба охир расидани он тарафи дигарро дар бораи нияти қатъ кардани он ба таври хаттӣ огоҳ насозад.
6.4. Шартнома дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхаи он дар Донишгоҳ ва нусхаи дигараш дар Бонки миллӣ нигоҳ дошта мешавад. Нусхаҳо эътибори баробар доранд.
6.5. Дигар шартҳое ки дар Шартномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровarda мешаванд.

| | |
|---|---|
| Ректори | Раиси |
| Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | Бонки миллии Тоҷикистон |
| ____________ Хушвахтзода Қ.Х | ____________Нурмаҳмадзода Ҷ. |
| «__» ____________ соли 2020 | «__» _________ соли 2020 |
| 734025 ш. Душанбе, | 734003 ш.Душанбе, |
| х. Рӯдакӣ 17 | х. Рӯдакӣ 107а. 734003. |